# Тақризи

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Валиев Ҷамшед Абдурасулович **дар мавзуи “Роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад”**, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – забони тоҷикӣ)

Таҳқиқи масъалаҳои забонии осори адибон новобаста аз давраҳои инкишофи адабиётамон аҳамияти муҳимми илмӣ дорад. Дар онҳо калимаю ибора, ҷумла ва дар маҷмуъ воситаҳои гуногуни баён маҳфуз аст, ки баррасиҳои илмӣ барои оммавӣ кардани ин воситаҳо мусоидат мекунад. Махсусан, дар шароити ҷаҳонишавӣ барои мукаммал сохтани сохти грамматикӣ ва таркиби луғавии забон ин гуна баррасиҳо зарур арзёбӣ мешаванд.

Яке аз масъалаҳое, ки дар такмили таркиби луғавии забон мусоидат мекунад, калимасозӣ аст ва яке аз муҳимтарин хизмате, ки адибон барои миллат карда метавонанд, бо зеҳни бурроюю пешқадаме, ки доранд, сохтани калимаҳои нав аст. Агар адиб калимаҳои нав сохта тавонад ва ё калимаҳои дар ҳоли аз байн рафтанро аз забони халқ чида, ба меъёрҳои забон мувофиқ кунонида, зинда гардонад, ин хизмати бузурге хоҳад шуд. Дар давраи нави тараққиёти адабиётамон шоирону нависандагони зиёде фаъолият карда, осори арзишманде ба мерос гузоштаанд ва яке аз адибони фаъол ва пурмаҳсул устод Адулҳамид Самадов ба шумор меравад, ки баррасии таркиби луғавии осори эшон аз ҳар ҷиҳат ҳоизи аҳамият мебошад. Устод Абдулҳамид Самадов дар навиштаҳояшон аз сарвати бузургу адабиёти классикии форсу тоҷик ва дигар миллатҳо файз бурда бошад ҳам, аз забони зиндаи халқ самаранок истифода карда, садҳо калимаи дар саҳро мондаро ба эҷодиёташ ва дар ин замина ба забон ворид карда, аз маҳв шудан эмин доштааст. Дар баробари ин, дар сохтани калимаҳои нав саҳми назаррас дорад. Ин аст, ки таркиби луғавии осори ин адиб мукаммал буда, дар таҳқиқҳои забоншиносӣ маводи фаровон дода метавонад ва аз ин ҷиҳат ба масъалаи баррасии масоили калимасозии осори ин адиб даст задани шогирд Валиев Ҷамшед Абдурасулович **саривақтӣ**

буда, мавзуи илмӣ-тадқиқотии интихобкардаи ӯ **“Роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад”** мубрам арзёбӣ мегардад.

Ҳарчанд, корҳои илмии зиёде роҷеъ ба калимасозӣ таълиф гашта, масъалаҳои назарияи калимасозӣ, роҳу воситаҳо ва қолибҳои калимасозии забони адабии тоҷикӣ муайян шуда бошанд ҳам, масоили муайян сохтани принсипҳои вожасозии забони тоҷикӣ то ҳол ба таври пурра ва мукаммал ба танзим надаромадааст. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқи осори адибон дар ин самт зарур аст. Дар ин росто низ, рисолаи Валиев Ҷамшед Абдурасулович муҳим дониста мешавад. Бо мақсади таҳқиқи роҳҳои калимасозии исм дар осори А. Самадов унвонҷӯ осори ҳангуфти назариявии ба калимасозӣ бахшидашудаи олимонро омӯхта, аз онҳо зимни кор дар муайян сохтани роҳу воситаҳои вожасозии осори адиб кумак гирифтааст.

Мақсаду вазифаҳо муаллифи диссертатсияро водор сохтааст, ки мундариҷаи корро дар се боб ва зербобҳои мутааддид мураттаб созад. Агар омӯзиши масоили назариявии калимасозӣ ба муаллиф имкони дарки масъалаҳои марбут ба таҳқиқи роҳҳои калимасозиро боз карда бошад, гирдоварии маводи таҳлили аз осори адиб имкон додааст, ки ҷойгоҳи калимасозиро дар ташаккули таркиби луғавии Абдулҳамид Самад муайян намояд. Барои комилан равшан гардидану матраҳ кардани ин масъала унвонҷӯй бобҳо ва зербобҳои рисоларо мутобиқ ба анъанаҳои таҳқиқи роҳу усулҳои калимасозӣ танзим кардааст. Мутобиқи таълимоти донишмандони соҳа маъмултарин роҳҳои калимасозӣ дар забони тоҷикӣ морфологӣ, синтаксисӣ-морфологӣ ва лексикӣ-семантикӣ ба шумор меравcomponentsанд, ки шогирд аз онҳо истифода карда, бо диди нав ва бо маводи дастрас аз осори адиби мазкур рисолаи илмӣ эҷод кардааст. Дар доираи танҳо як ҳиссаи нутқ роҷеъ ба вандҳои калимасоз, махсусан, пешванду пасвандҳо, калимаҳои мураккаби типпи пайвасту тобеъ ва дигар ҳодисаҳои калимасозӣ (хоса исмшавии калимаҳо) қолибҳои калимасозии исмро муайян кардан кори басо душвор ва заҳматталаби илмӣ аст, ки шогирд онро дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расонидааст. Дуруст муайян кардани моҳияти маъноии калимаҳои сохташуда

(ҳам сохта ва ҳам мураккаб) аз масъалаҳои дигари бисёр муҳиммест, ки дар диссертатсия ба таври комилан дуруст тарҳрезӣ шудаанд.

Зимни баррасии хосиятҳои исмшавии калимаҳо, ки дар сатҳи забони адабӣ хеле кам омӯхта шудааст, унвонҷӯ кӯшидааст, ки субстантиватсия шудани сифатҳо, шумораҳо ва феълҳои ғайритасрифиро бо диди нав ба риштаи таҳқиқи илмӣ кашад.

Хулосаҳои илмии кор мантиқӣ ва ба талаботи мавҷудаи чунин корҳо мувофиқ буда, мазмуни рисоларо ба таври мухтасар фаро мегиранд.

Дар рафти кор аз донишманди зиёде ба мисли Л. С. Пейсиков, В. С. Расторгуева, Т.А. Алескерова, А.З. Розенфелд, Ю. А. Рубинчик, М. Баҳор, Хусрави Фаршедвард, С. Ализода, С. Ҳалимов, М. Муҳаммадиев, Қ. Тоҳирова, М. Шукуров, Н. Шарофов, О. Муҳаммадҷонзода, С. Назарзода, Ҳ. Султонов, А. Ҳасанзода, М. Саломиён, Ш. Мухторов, М. Мирзоева, М. Турсунов, А. Халилов, Ш. Рустамов, О. Қосимов, С. Раҳматуллозода, Д. Ҳомидов, А.Амлоев, С. Низомова ва дигарон баҳра бурдааст.

Интихоби дурусти усулҳои синхронию диахронӣ, таҳлилию муқоисавӣ, таҷзияву таҳлил ва чандомади вожаҳо барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи маводи осори адиб мусоидат кардааст.

Ба андешаи мо, диссертатсияи Валиев Ҷамшед Абдурасулович дар мавзуи “Роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад” кори анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи рисолаҳои марбут ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – забони тоҷикӣ) мувофиқ мебошад. Бинобар ин, диссертатсияи мазкурро барои муҳокима ва дифоъ тасвия медиҳам.

Роҳбари илмӣ:
доктори илми филология, узви вобастаи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Р. Раҳматуллозода

Имзои С.Раҳматуллозодаро тасдиқ мекунам.
Мудири бахши умумӣ ва масъули хадамоти кадрӣ Ш.Абдуллоев

04.04.2022